Ба Шӯрои дисертатсионии
6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

Мушкилоти мутобиқсозии давлат, шаҳрвандон, созмонҳо ба воқеияти иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон як қатор вазифаҳоро ошкор мекунанд, ки омӯзиш ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онро талаб мекунанд. Натиҷаҳои иқтисоди рақамӣ вобаста ба мавзӯи он метавонад гуногун бошад: барои давлат ин такмили қонунгузорӣ ва назорати татбиқи он мебошад; барои шаҳрвандон – мавҷудият, эътимоднокии иттилоот, инчунин мавҷудияти молу хизматрасониҳои дорои сифати мувофиқ; барои корхонаҳо - таҳкими афзалиятҳои рақобатӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ; барои навоварone, ки ғояҳои иқтисоди рақамиро таблиғ мекунанд – татбиқи қарорҳои IT дар амал ва ғайра. Идоракунии равандҳои дар ташкилотҳо амалишаванда инчунин таҷдиди назарро барои рақамикунонии равандҳои бизнес ва «ҷой кардани» корхонаҳо дар муҳити рақамии иқтисодӣ хеле муҳим аст. Рақамикунонии соҳаи идоракунии кадрҳо аз нав дида баромадани вазифаҳои системаи идоракунии кадрҳоро бо мақсади таҳия ва татбиқи воситаҳои нав дар соҳаи кадрҳо талаб мекунад, ки имкон медиҳад, ки системаи идоракунии кадрҳо рақамӣ карда шавад.

Дар шароити рақамисозии ҷомеа, малакаҳои рақамӣ ва салоҳиятҳои рақамӣ, ки асоси онҳо саводнокии иттилоотӣ мебошанд: қобилияти кор кардан дар системаҳои ҷустуҷӯӣ, дониши операторони ҷустуҷӯ, қобилияти зуд пайдо кардани иттилооти зарурӣ дар манбаъҳои

бонуфуз; маҳорати ҷамъоварии маълумоти дахлдор ва гузаронидани тадқиқот дар асоси миқдори зиёди маълумоти рақамӣ.

Дар автореферат хусусиятҳои хоси рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ муайян карда шудааст. Ҳангоми таҳқиқ муаллифи диссертатсия ошкор намудааст, ки ба қатори хусусиятҳои хоси рушди иқтидори кадрии савдои чакана инҳо дохил намудан муҳим аст: навсозии пойгоҳҳои техникии савдои чакана, афзоиши низоми фардии талабот тариқи каналҳои электронӣ, ташкили платформаҳои рақамии савдо, тағйирёбии низоми пешниҳоди хизматрасонии савдо ба аҳолӣ ва дигар иштирокчиёни раванд, ташкили базаҳои логистикии хизматрасониҳои савдо тариқи шабакаҳои яклухт ва чаканаи маҳсулот. Равандҳои рақамикунонии савдо бо истифодаи васеи зеҳни сунъӣ ва иқтидори кадрии тахасусманд, такя намуда собит карда шудааст, ки ба хусусиятҳои ташкилӣ, идоракунӣ, назоратӣ, таҳлилию баҳодиҳӣ алоқаманд мебошанд.

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоте ба миён омадааст, ки бо ҷалб кардан ва нигоҳ доштани иқтидори кадрӣ дар савдои чакана алоқаманданд. Нигоҳдории кадрҳо ғайриимкон гардидааст ва дар рӯи кор мутахассисони соҳавӣ ангуштшуморанд. Ба ин муносибат дар таҳқиқот як қатор ҷиҳатҳои системаи идоракунии кадрҳои ташкилотҳои савдо, ки ҳалли онҳо барои мувозинати бозори меҳнат дар савдои чакана имкониятҳои воқеӣ медиҳад, кайд карда шудааст. Ташаккули низоми идоракунӣ аз инҳо иборатаст: интихоб ва қабули кормандон, истифодаи системаи аутсорсинг, болоравӣ дар маснади касбӣ,нигоҳ доштани кадрҳо, кам кардани ҷойивазкунии кадрҳо ва ҳавасмандгардонӣ ба кор. Дар баробари ин ба усулҳои нави баҳодиҳии ҳосилнокии меҳнат диққати махсус дода мешавад, ки ин имкон медиҳад, ки эҳтиёҷоти корхонаҳо ба кадрҳои асосӣ ба таври воқеӣ баҳо дода шавад. Ба ҷои параметри анъанавӣ — ҷойивазкунии ҳар як

коркун дар давраи муқарраршуда чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди шумораи чекҳо, шумораи амалиётҳо, ки бо вақти кор-соат алоқаманд мебошанд, истифода бурда мешавад.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Умуман, муаллиф таҳқиқоти илмиро бо риояи тамоми талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад.

Ҳамзамон зикр намудан ба маврид аст, ки дар автореферат новобаста ба ҷиҳатҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳои баҳсталаб низ ба чашм мерасанд:

1. Дар автореферат омилҳои ташаккулдиҳандаи иқтидори кадрӣ дар расми 4 нишон дода шудааст, вале муфассал ин омилҳо шарҳ дода нашудааст;

2. Дар автореферат усулҳои арзёбии сифати иқтидори кадрии савдои чакана баррасӣ шудаанд, аммо мушаххас истифодаи ин усулҳо дар мисоли савдои чакана нишон дода нашудааст;

3. Аз ҷониби муаллиф самтҳои асосии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ пешниҳод гардидааст, аммо дар автореферат пурра тавзеҳ дода нашудааст.

Аммо, норасоиҳои пешниҳодшуда характери тавсиявӣ дошта ба аҳамияти илмии таҳқиқот таъсири назаррас надоранд ва эътибори онро паст намекунад.

Умуман, диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия»,кори илмии пурра ба анҷом расионидашуда ҳисобида шуда, дар асоси талаботи илмӣ- назариявӣ ва амалияи муосир анҷом ёфтааст ва ба

талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат муносиб мебошад.

**Тақриздиҳанда**
д.и.и., профессор, профессори кафедраи идоракунии давлати ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва Соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯрабоев Ғ. Ҷ.

Имзои Ғ. Ҷурабоевро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Борбад,
48/5 Тел.: (+992 37) 234-88-02
Почтаи электронӣ: ips_dsx@mail.ru